**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Ширинова Бахтинисо Баҳридиновна дар мавзуи «Поэтикаи достони «Юсуф ва Зулайхо»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.08 – Назарияи адабиёт, Матншиносӣ, нусхашиносӣ) пешниҳод шудааст.**

Баррасӣ ва таҳқиқи ҷанбаҳои поэтикаи достони "Юсуф ва Зулайхо"-и Абдурраҳмони Ҷомӣ аз масъалаҳои муҳим ва мушкили адабиётшиносии муосир ба шумор рафта, аз муҳаққиқ маҳорати баландро тақозо менамояд.

Диссертант дар муқаддимаи таҳқиқоти худ аҳаммияти мавзуи таҳқиқро равшан намуда, дар қисмати дараҷаи таҳқиқ, ки муфассал баён шудааст, ба ин натиҷа мерасад, ки мавзуи "Поэтикаи достони "Юсуф ва Зулайхо"-и Абдурраҳмони Ҷомӣ" як мавзуи актуалӣ ва омӯхтанашуда буда, баррасии масъалаи таҳқиқи сарчашмаҳои достон, пажуҳиши мухтаво, сюжет, образҳо, ҷойгоҳи фоҷеа, ҳунари шоир дар эҷоди асар, мақоми унсурҳои мунозира дар ин асар ба таҳқиқ гирифта шудааст.

Гузориши масъалаҳо, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, асоси методологӣ ва назариявии таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот, аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқот, сарчашмаҳо ва маводи таҳқиқот ва масоили асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда низ аз ҷониби муҳаққиқ огоҳона сурат гирифтаанд.

Боби аввали диссертатсия, "Достонсароӣ дар асри XV" ном дошта, аз се фасл фароҳам омадааст, ки масъалаҳои маснавигӯӣ дар асри XV, мавқеи маснавиҳои Абдурраҳмони Ҷомӣ дар ин давра ва ҷомишиносӣ дар Тоҷикистонро фаро гирифтааст ва масъалаҳои мавриди назар дар ин боб таҳлилу баррасӣ шудаанд.

Боби дувуми диссертатсия "Таҳқиқи сарчашмаҳо, нусхашиносӣ ва симоҳои достони "Юсуф ва Зулайхо"-и Абдурраҳмони Ҷомӣ" ном гирифтааст. Дар боби мазкур унвонҷӯй масъалаҳои сарчашмаҳои асосии достон, нусхашиносӣ ва шарҳнигорӣ ба достон, таҳлили образҳои асар ва ҷойгоҳи фоҷиаро дар достон ба таҳқиқи ҷиддӣ гирифтааст.

Аз достони “Юсуф ва Зулайхо”-и Абдурраҳмони Ҷомӣ нусхаҳои зиёде боқӣ мондааст, ки унвонҷӯй дар ин боб якчанд нусхаҳоро, ки дар Китобхонаи миллии Тоҷикистон нигаҳдорӣ мешаванд, бо нишондоди нусхашиносӣ овардааст, ки кори хуби унвонҷӯ мебошад. Инчунин, чанд шарҳҳоро, ки ба достон баста шудаанд, бо унвони муаллифон ва соли таълифашон нишон додааст. Баъд, дар диссертатсия унвонҷӯй образҳои достонро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода, дар раванди таҳлили образҳо масъалаи фоҷиаро, ки дар асар ба фаъолияти образҳои маркази достон – Юсуф, Яъқуб, Зулайхо марбутанд, таҳқиқ намудааст.

Боби сеюми диссертатсия “Поэтикаи достони “Юсуф ва Зулайхо”-и Абдурраҳмони Ҷомӣ” номида шуда, унвони диссертатсия аз ҳамин боб аст ва боби меҳварӣ маҳсуб мешавад, ки масоили зиёди поэтикии достонро ба таҳқиқ гирифтааст. Дар ин боб унвонҷӯй масъалаҳои муҳими поэтикии асарро, аз ҷумла сохти композитсионии достон, ҷойгоҳи унсурҳои мусиқӣ, тасвири унсурҳои табиат, унсурҳои мунозира, мавқеи хоб ва руъё дар достон, афкори адабии шоир, ҳунари шоир дар маъниофаринӣ ва тасвирсозӣ, мавқеи санъатҳои бадеӣ дар достон, паёмҳои ахлоқии шоир ва забону сабки эҷоди достон ба мисолҳои зиёд таҳлил ва таҳқиқ шудаанд, ки муҳассаноти зиёд дорад ва аз вуқуфи унвонҷӯй аз таҳқиқи мавзуъ дарак медиҳад.

Диссертант хулосаи аз таҳқиқ ва баррасии мавзуъ ба даст овардаи худро ба расмият даровarда, мухтавои онро дар мундариҷа, муқаддима ва бандҳои алоҳидаи он дарҷ намудааст. Ҳамчунин диссертант тавсифи умумии таҳқиқоту бандҳои алоҳидаи он ва бобҳову зербобҳо, хулоса ва тавсияҳои амалиро низ тибқи талабот ба қалам додааст. Номгӯйи адабиёти истифодашуда бо риояи талаботи муқарраршуда таҳия шудаанд, ки мувофиқи мақсад мебошад.

Бобҳои диссертатсия мутобиқи мақсаду вазифаҳои гузошташуда тарҳрезӣ шуда, баррасию таҳқиқ дар сатҳи илмӣ қарор дорад.

Дар баробари муваффақиятҳо баъзе нуқсонҳо дар автореферати диссертатсия ба назар мерасад, ки ислоҳи онҳо ба манфиати кор хоҳад буд:

1. Ба андешаи мо диссертант мисолҳо аз достонҳо ҳаҷман зиёд оварда, ба таҳлилу баррасии муҳтавои достонҳо камтар таваҷҷуҳ зоҳир намудааст.

2. Дар матни диссертатсия баъзе ғалатҳои имлоӣ ва аломатҳои китобат ба назар мерасад, ки ислоҳи онҳо ҳусни корро меафзояд.

Камбудиҳои зикргардида хусусияти тавсиявӣ дошта ба ҳеҷ ваҷҳ ҳусни фишурдаи рисоларо коста намегардонад.

Автореферати диссертатсия ва миқдори мақолоти интишорнамудаи муаллиф, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти ҶТ ба табъ расидаанд, асоси мундариҷаи диссертатсияро инъикос мекунанд.

Аз муҳтавои автореферат бармеояд, ки рисолаи Ширинова Бахтинисо Баҳридиновна дар мавзуи “Поэтикаи достони “Юсуф ва Зулайхо”-и Адбурраҳмони Ҷомӣ” таҳқиқоти пурра анҷомёфтаи илмӣ буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст ва муаллифи он шоистаи дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология, аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.08 – Назарияи адабиёт, Матншиносӣ, нусхашиносӣ) мебошад.

Номзади илмҳои филологӣ, дотсенти
кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии
Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур

Ҷурғосиев Мулоаҳмадшо Ҷурғосиевич

30 августи соли 2023
Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 146
E-mail:ahmadshoh@interhet.ru

Имзои М.Ҷурғосиевро тасдиқ мекунам
Сардори Шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва кадрҳои
Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур Абдуҳалимзода Н.А.

22. 08. 2023